# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич 24 июли соли 1993 дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлон дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст.

Миллаташ тоҷик, оиладор: соҳиби 3 фарзанд.

Соли 2011 литсейи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Соли 2011 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2016 бо ихтисоси молия ва қарз Донишгоҳи номбурдаро хатм намуд.

Дар соли 2017 ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маълумоти дуюм) дохил шуда, онро соли 2020 бо ихтисоси ҳуқуқи иқтисодӣ, соли 2020 ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумоти дуюм) дохил шуда, онро соли 2023 бо ихтисоси идоракунии давлат ва ҳуқуқ бо муваффақият хатм намудааст. Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич аз соли 2020 ҳамчун ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул мебошад.

Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич аз соли 2016 то ин ҷониб корманди КВД БА ҶТ «Амонатбонк» мебошад. Фаъолият ва собиқаи кории ӯ дар КВД БА ҶТ «Амонатбонк» чунин аст:

- аз соли 2016 то соли 2017 ба ҳайси мутахассис оид ба қарз дар маркази хизматрасонии бонкии №024-и филиали №06-и КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе;

- аз соли 2017 то соли 2019 ба ҳайси бозрас оид ба кадри филиали №06-и БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе;

- аз соли 2019 то соли 2020 ба ҳайси иқтисодчии дараҷаи 1-и шуъбаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони идораи кормандони Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк»;

- аз соли 2020 то 2024 ба ҳайси муҳосиби асосии шуъбаи амалиётҳои дохилибонкии идораи ҳисобдории Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк»;

- аз моҳи апрели соли 2024 то ҳол сардори шуъбаи кор бо қарзҳои мушкилситони Департаменти бехатарӣ ва кор бо қарзҳои мушкилситони Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк».

Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич қобилияти баланди эҷодӣ, мустақилона кор кардан ва истифодабарии адабиёти назариявию амалиро доро мебошад, ки дар раванди тадқиқотбарӣ оид ба ҷанбаҳои муҳими назариявию амалии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк» исботи худро ёфтааст. Инчунин, ӯ худро ҳамчун унвонҷӯи поквиҷдон, иҷрокунанда, ростқавл нишон дода, барои пешбурди тадқиқот ҳавасманд мебошад.

Имтиҳони фанҳои тахасусиро бо баҳои хубу аъло супоридааст. Дар рафти навиштани рисолаи илмӣ аз рӯи мавзуи тадқиқотӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия гардидаанд, чоп намудааст. Унвонҷӯй худро ҳамчун тадқиқотчии ташаккулёфтаи дорои маҳорати баланди назариявию амалӣ дар самти механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна нишон дода истодааст. Хизмати асосии унвонҷӯй аз он иборат аст, ки вай мавзуи мубрамро интихоб намуда, ва маҳорати таҳлилгарӣ ба вай имкон дод, ки ҳаҷми зиёди маълумотҳои омориро оид ба масъалаи механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк» таҳлилу арзёбӣ намояд.

Дар тадқиқот маводҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк», Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сарчашмаҳо, маълумотҳои ташкилотҳои

байналхалқӣ, тадқиқотҳои анҷомдодаи институтҳои гуногун, тадқиқоти илмии иқтисодчиён ва дигар маълумотҳо истифода гардидаанд. Тадқиқоти диссертатсионии Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илми молия ва бонкдорӣ бахшида шудааст. Равандҳои муосири механизми пешниҳоди қарзи бонкиро муайян намуда, тадқиқоташ ҳамчун падидаи нав дар замони муосир як бахши муҳими ба тамоми илмҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Механизмҳои муосири пешниҳоди қарзи бонкӣ ба рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро тадқиқ ва асоснок намудааст, ки дар зинаи аввал ҷанбаҳои назариявию методологии пешниҳоди қарзи бонкӣ ба рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро омӯхта, сипас, зина ба зина доираи масъалаҳои омӯхташавандаро васеъ намуда, ба масъалаҳои механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна, ки асоси онро чунин олимони машҳур Д.М. Кейнс, И. Фишер, М. Хайдеггер, Й. Шумпетер, К. Маркс, К. Викселл, М. Ротбард, Ф.А. фон Хайек, М. Фридман, Н.И. Версал, Т.В. Дорошенко, Г.Н. Белоглазовой ва дигарон ташкил менамоянд, аҳамияти махсусро зоҳир намудааст. Мутаассифона, дар корҳои олимони номбурда назарияи муосирии чораҳои пешгирикунандаи таъсири омилҳо ба механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна ва андешаи ягона оид ба низоми батанзимдарории низоми қарзи бонкӣ ҷой надорад, ки муаллифи рисола ин ҷанбаҳоро низ мавриди тадқиқоти кори илмии худ қарор додааст.

Аҳамияти амалии рисола дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар он дарҷгардида ба васеътар шудани донишҳои молиявию қарзӣ мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар рисола овардашуда метавонанд тадбиқи амалии худро дар фаъолияти КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ва дигар бонкҳои тиҷоратӣ, ҳамчунин дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

Аз ин рӯ, тадқиқоти рисолаи илмии Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)», ки

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Икромӣ Ф.Н.**

Имзои Икромӣ Ф.Н. н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

22.09.2025с

*Суроға:* *734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бинои таълимии 8.*
***Email:*** *fazliddin-91-91@mail.ru* ***Тел.:*** *(+992)981076767*